## СУРАТҶАЛАСАИ №7

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-023 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

**аз** 6 январи **соли 2024**

Ҳайати шӯрои диссертатсионӣ иборат аз 15 нафар тасдиқ шудааст. **Иштирок доштанд:** Раиси шӯро – Муҳаммедов Ғ.Б.,муовини раис – Юлдошев У.Р., котиби илмӣ – Рӯзиева Л.Т., аъзоён: Негматов С.Э., Шербоев С., Хоҷиматова Г.М., Нагзибекова М.Б., Солехов М.О., Хомидов Д.Р., Назаров А.Н., Атакуллаев У.И., Товбаева М.М., Абдуллоева Т.М., Каримов Н.С.

### РУЗНОМА:

Ба баррасии муқаддамотӣ қабул кардани диссертатсияи **Каримова Дилором Отахӯҷаевна таҳти унвони "Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ (дар заминаи матнҳои тахассусӣ)** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ва таъин намудани комиссияи экспертӣ

### ШУНИДА ШУД:

Аз рӯи масъалаи якум гузориши раиси шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ Мухаметов Г.Б. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Каримова Дилором Отахӯҷаевна ба шӯрои диссертатсионӣ шунида шуд.

### БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ Рузиева Л.Т. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Каримова Дилором Отахӯҷаевна, аз ҷумла диссертатсия ва автореферат (бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба

шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, №267) мувофиқат мекунанд ва унвонҷӯй ҳуҷҷатҳои дигарро низ тибқи муқарарот пешниҳод намудааст. Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ҷиҳати ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Каримова Дилором Отахӯҷаевна таҳти унвони "Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ (дар заминаи матнҳои тахассусӣ)**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст, барои ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхисӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

- Лутфуллозода Маҳмадулло - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раиси комиссия;
- Солеҳов Мирзо Одинаевич - доктори илмҳои филологӣ, аъзои комиссия;
- Ҳомидов Дилмурод Раҷабович - доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои комиссия.

Натиҷаи овоздиҳии кушод ба тарафдории қарори мазкур: "Тарафдор" – 14 нафар, "Зид" - нест, "Бетараф" - нест.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ,**
**д.и.п., профессор** **Мухаметов Г.Б.**

**Котиби илмии шӯрои**
**диссертатсионӣ, д.и.п.** **Рузиева Л.Т.**